# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Данаева Камола Холматовна дар мавзуи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои фалсафа (09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ), профессор Солиҷонов Р. (раиси комиссия), доктори илмҳои фалсафа (09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ) Муминов А.И. (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа (09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ) Ҷононов С. (аъзо) диссертатсияи Данаева Камола Холматовнаро дар мавзуи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар шароити муосир», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳими назария ва амалияи ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқот сатҳи коркарди мавзуи мазкурро омӯхта, ҷанбаъҳои то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқнашударо дарёфт намуда, онҳоро ба риштаи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ кашидааст. Ташхиси диссертатсия нишон дод, ки унвонҷӯ тавонистааст дар заминаи далелҳои асоснок муҳим будани мавзуи таҳқиқшавандаро нишон диҳад.

Диссертант дуруст муайян менамояд, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ чун дигар ҷомеаҳо дар ҳолати таҳаввулоту такомул қарор дошта, таъсири равандҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, хатару таҳдидҳоро эҳсос менамояд. Навгонии кор аз он иборат аст, ки унвонҷӯ ин равандро дар масири ҷараёни ҷаҳонишавӣ аз диди интиқодӣ мавриди таҳлил қарор дода, ба таври возеҳ зуҳури онҳоро дар амалишавии ҷомеаи муосир ва роҳҳои пешгирии хатару таҳдидҳоро дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нишон дода тавонистааст. Аз ин рӯ, комиссияӣ экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи ташхисшаванда, на фақат аҳамияти назариявӣ, балки дорои арзиши баланди илмию амалӣ низ мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11 –фалсафаи иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 шуд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Данаева К.Х. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Данаева К.Х. маълумоти ғайрисаҳҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 61-и «Низомномаи шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Данаева Камола Холматовна дар мавзуи «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ), ки ба Шурои диссе ртатсионии 6D.КОА-029 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич – доктори илмҳои фалсафа, ҷонишини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ
- Миров Фирӯз Сафаралиевич – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Данаева К.Х. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Солиҷонов Р.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Муминов А.

доктори илмҳои фалсафа, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҷононов С.